# ТАҚРИЗИ

## РОҲБАРИ ИЛМӢ

оид ба кори диссертатсионии Гулов Аҳлиддин Боймуродович дар мавзуи **«Арзёбии захираҳои обӣ ва технологияи обёрии қатрагии боғи себи интенсивии ҷавон дар шароити болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.02 - Мелиоратсия, таҷдидсозӣ ва ҳифзи замин пешниҳод шудааст.

Гулов Аҳлиддин Боймуродович, соли 2007 ба Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба Шириншоҳ Шоҳтемур ба факултети гидромелиоративӣ дохил шуда, онро соли 2012 бо ихтисоси 1-740501 (3205)- Мелиоратсия таҷдидсозӣ ва ҳифзи замин хатм намуд.

Аз моҳи январи соли 2014 то инҷониб унвонҷӯи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба Шириншоҳ Шоҳтемур буда, дар мавзуи **«Арзёбии захираҳои обӣ ва технологияи обёрии қатрагии боғи себи интенсивии ҷавон дар шароити болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон»** кори диссертатсионияшро иҷро намуд.

**Баҳои кори диссертатсионӣ**

Кори диссертатсионии Гулов А.Б. ба **«Арзёбии захираҳои обӣ ва технологияи обёрии қатрагии боғи себи интенсивии ҷавон дар шароити болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон»** бахшида шудааст. Сабаби интихоби ин мавзуъ дар он буд, ки ҳоло дар тамоми дунё, аз он ҷумла дар мамлакатҳои ҳавзаи баҳри Арал вобаста ба рушди аҳолӣ, зиёд шудани заминҳои обёрӣ танқисии об мушоҳида карда мешавад. Аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои захираҳои зиёди об мебошад, дар баъзе минтақаҳо он, хусусан дар қисмати болооби ҳавзаи дарёи Кофрниҳон, ки аҳолии зиёд дар ин ҷо сукунат дорад, саноати пешрафта амал карда истодааст низ танқисии об ҳис карда мешавад ва он рӯз то рӯз афзун мегардад. Яке аз чорабиниҳои кам кардани танқисии об васеъ истифодабарии технологияҳои обсарфакунанда, аз он ҷумла технологияи обёрии қатрагӣ мебошад. Ғайр аз

ин технология имконят медиҳад, ки захираҳои табиӣ (нури офтоб, равшанӣ, ҳарорати ҳава, боришот, замин, об) барои гирифтани ҳосили баланди зироатҳо, аз он ҷумла боғҳо самаранок истифода шаванд ва шароити хуби гидроэкологии захираҳои об солҳои тӯлонӣ дар ин минтақа боқӣ монад.

Бинобар ин кори диссертатсионии Гулов Аҳлиддин Боймуродович аҳамияти илмӣ, назариявӣ ва амалӣ дошта дар дараҷаи баланди илмӣ иҷро карда шудааст. Хулосаҳо, тавсияҳо ва ҳолати кори диссертатсионӣ ба дараҷаи лозимӣ бо натиҷаҳои таҷрибавии ба даст омада маънидод карда шудаанд.

**Мубрамияти таҳқиқот.** Боғдорӣ яке аз соҳаҳои асосии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин соҳа дар таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ ва омодасозии ҷойҳои нави корӣ саҳми намоён дорад; таъмини корхонаҳои коркард бо ашёи хом, аз он ҷумла бо мева ба афзоиши иқтидори содиротии давлат мусоидат мекунад.

Барои рушди боғдорӣ дар ҷумҳурӣ шароити мусоиди табиӣ, захираҳои обӣ ва меҳнатӣ мавҷуданд, инчунин имкониятҳои коркард ва содироти маҳсулоти боғпарварӣ ба таври интенсивӣ васеъ карда мешаванд. Аҳолӣ дар соҳаи боғпарварӣ, ки соҳаи самараноки кишоварзӣ мебошад, таҷрибаи бой дорад.

Дар Тоҷикистон бо мақсади таъмини рушди соҳаи боғдорӣ, таъмин намудани бозори дохилӣ бо мева, афзоиши ҳаҷми маҳсулоти содиротӣ, ноил шудан ба амнияти озуқаворӣ “Барномаи рушди соҳаи боғдорӣ ва токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 с” қабул карда шуд. Дар ин ҳуҷҷатҳо татбиқи тадбирҳои васеъ оид ба барқарорсозӣ ва бунёди плантатсияҳои нави серҳосили интенсивӣ ё суперинтенсивии боғҳо пешбинӣ шуда, ҳосили боғҳо аз ҳар га ба 70-80 тонна мева бояд расонида шавад.

Як минтақаи муҳими Тоҷикистон, ки боғдории обёришаванда низ босуръат рушд хоҳад кард, ин болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон

мебошад. Дар солҳои наздик масоҳати боғҳо дар ин минтақа бояд ба зиёда аз 20,0 ҳазор га расонида шаванд, ки дар ин замина ташкили боғҳои муосири интенсивӣ афзалияти бештар доранд.

Дар баробари ин таъмин кардани аҳолӣ, соҳаи саноат ва обёрии заминҳо дар шароити ҳозира бо захираҳои обӣ ва рушди устувори онҳо дар оянда, бо назардошти афзоиши талабот ба об таҳқиқотҳои гидрологиро дар самти омӯзиши реҷаи гидрологӣ, баҳодиҳӣ ба сифати захираҳои обӣ ва мувофиқати онҳо барои истифода дар технологияҳои обёрии қатрагӣ, арзёбии гидроэкологии истифодаи оби шохобҳои болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон дар замони ҳозира ва оянда бо технологияҳои гуногуни обёрӣ аҳамияти хело муҳим дошта, ба даст овардани ҳосили баланди зироатҳои интенсивии боғдорӣ, истифодаи самараноки об, замин, қувваи корӣ ва манбаъҳои истеҳсолӣ бо коркард ва татбиқи технологияи обёрии қатрагӣ яке аз самтҳои актуалии таҳқиқоти илмӣ ба ҳисоб меравад, ки барои ҳалли муваффақонаи вазифаҳои гузошташуда имконият медиҳад.

**Мақсади таҳқиқоти** кори диссертатсионӣ дар таъмини тавозуни гидроэкологӣ дар истифодаи захираҳои об, таҳияи технологияи обёрии боғи себи интенсивӣ, истифодаи устувор ва нигоҳдории ин система ва истифодаи самараноки захираҳои об ва замин дар шароити болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад

**Объекти таҳқиқоти** кори мазкур – маҷрои шохобҳо ва заминҳои обёришуда ва обёришаванда дар болооби дарёи Кофраниҳон, боғи себи интенсивии масоҳаташ 10 га, ки мансуб ба ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ситабр Агро» - и хоҷагии таълими Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширинshoҳ Шоҳтемур дар шароити болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон мебошад.

**Предмети таҳқиқоти** кори зикргардида – Баҳодии гидрологӣ ва гидроэкологии шохобҳои ҳавзаи болооби дарёи Кофарниҳон ва

омӯзиши эвапотранспиратсия, тавозуни об ва технологияи обёрии боғи себи ҷавони интенсивӣ дар шароити болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон ҳангоми обёрии қатрагӣ.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дида мешаванд ва дар бандҳои зерин инъикос ёфтаанд:

**Мутобиқи ихтисоси 06.01.02 - Мелиоратсия, таҷдидсозӣ ва ҳифзи замин дар самти:**

- баҳодиҳии шароити табиӣ-иқлимӣ ва ноҳиябандии агроландшафти болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон барои ҷойгир кардани боғҳо ва пешгӯии ҳосили онҳо;
- баҳодиҳии шароити гидрологии ташаккулёбии захираҳои обӣ ва баҳодиҳии сифати онҳо барои истифодаи обёрии қатрагӣ;
- таҳлили ҳисобҳои тавозуни об бо мақсади истифодаи гидроэкологии устувор ва истифодаи манбаъҳои захираҳои обии болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон барои рушди обёрии заминҳо;
- муқаррар намудани эвапотранспиратся, меъёри обёрӣ ва қоидаҳои истеъмоли оби боғи ҷавони интенсивӣ дар давраи нашъу намо ҳангоми обёрии қатрагӣ;
- муайян кардани расиш, рушд ва ҳосилнокии боғи интенсивии ҷавон ҳангоми обёрии қатрагӣ;
- дар асоси таҷрибаҳо коркарди технологияи истифодабарӣ, нигоҳдорӣ ва самаранокии иқтисодии системаи обёрии қатрагии боғ дар шароити болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон.

**Арзиши назариявии таҳқиқоти** кори диссертатсионӣ муайянсозии равандҳои ташаккулёбии гидрологии шохобҳои болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон вобаста ба сарчашмаи таъминоти онҳо аз захираҳои об. Тақсимоти агроландшафтии қисмати болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон вобаста ба ноҳиябандии ҳарорати ҳаво, боришот, баландии

ҷойгиршавии минтақаҳои агроландшафтӣ аз сатҳи баҳр, истифодабарии нури офтоб ва пешгӯии ҳосилнокии боғи себ.

**Арзиши амалии таҳқиқот** асосноккунии илмӣ ва амалии ташаккул ва истифодаи захираҳои об, бо назардошти таъминоти мувозинати гидроэкологӣ, инчунин таҳияи технологияи инноватсионии таъмини об, дар мисоли обёрии қатрагии боғҳо дар шароити болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон пешниҳод шудааст.

Муқаррар карда шудааст, ки захираҳои оби болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон барои истифодаи васеи обёрии қатрагӣ мувофиқанд. Барои нигоҳ доштани реҷаи табиии дарёҳо ва устувории гидроэкологии онҳо ҳисобҳои тавозуни об бо назардошти афзоиши майдонҳои истифодаи обёрии қатрагӣ анҷом дода шуданд.

Дар натиҷа исбот карда шудааст, ки сарфаи об ҳангоми обёрии қатрагӣ дар муқоиса бо обёрии ҷӯякҳо аз 1,44 то 2,49 баробар кам шуда, ҳосилнокии меваҳои себ то 2,25 маротиба меафзояд.

Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқот гидромодули даҳрӯза ва вобастагии эмпирикӣ барои муайян кардани оғози давраи обёрӣ, вобаста аз таъминоти боришот ба солҳои рушд (1-4 сол) ба даст оварда шуданд.

**Аҳамияти амалӣ** дар таҳияи пешниҳодҳои мушаххас оид ба рушди обёрии қатрагӣ дар болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон, коҳиш додани ҳаҷми обгирӣ ва кам кардани талафи об, истифода ва нигоҳдории системаҳои обёрии қатрагӣ барои боғи интенсивӣ мебошад. Технологияи таҳияшуда дар майдони 10 га боғи себи интенсивии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Ситабр Агро”-и шаҳри Ҳисор ҷорӣ карда шуд. Тавсияҳо оид ба натиҷаҳои тадқиқот ба институти лоиҳакашии Тоҷикгипроводхоз пешниҳод карда шуданд ва онҳо дар тартиб додани лоиҳаҳои обёрии қатрагии боғи интегнсивӣ дар болооби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон истифода бурда шудаанд.

**Усулҳои таҳқиқот:** Таҳқиқотҳо ба усули муназзам асос ёфта, технологияи обёрии қатрагии боғи интенсивӣ ҳамчун системаи ягонаи ба ҳам пайвастани амалҳои табиӣ, муҳандисӣ, техникӣ ва агротехникӣ бо назардошти тавозуни обӣ, ғизоӣ, меҳнатӣ ва энергетикӣ ҳисобида шуданд. Дар таҷрибаҳои мураккаб усулҳои гуногуни таҳқиқот истифода шуданд: усули ба нақша гирифташудаи таҷрибавӣ – истеҳсолӣ; ҷамъбасти назариявии натиҷаҳои бадастомада ва арзёбии мувофиқати моделҳои математикӣ бо истифода аз барномаи компютерии Excel; таҳияи технологияи обёрии қатрагӣ; татбиқи он ва арзёбии самаранокӣ бо усули дисконтӣ.

Усули асосии таҳқиқот таҷрибаҳои саҳроӣ буда дар шароити таҷрибавӣ-истеҳсолӣ гузаронида шуд. Дар он реҷаҳои обии боғи себи ҷавон ҳангоми обёрии қатрагӣ, инчунин тамоми амалҳо барои истифода ва нигоҳдории системаи обёрии қатрагӣ дар 10 га ва коркарди маълумот бо усули оморӣ- вариатсионӣ омӯхта шуданд.

**Саҳми шахсии муаллиф:** кор шахсан аз тарафи муаллиф иҷро гардида, дар таҳлили адабиёти илмӣ, пешниҳоди мақсад ва вазифаҳо барои кори рисолаи илмӣ, коркард ва натиҷаҳои ба дастомада, таҳияи хулоса ва муқарарроти рисола иборат мебошад. Коркард ва таълифи диссертатсия шахсан аз тарафи унвонҷӯ анҷом дода шуда, натиҷаи таҳқиқот кори мустақилонаи ӯ мебошад. Дар тӯли ҳама давраҳои иҷрои кори таҳқиқотӣ, ки асоси диссертатсияи мазкурро ташкил медиҳад, муаллиф иҷрокунандаи таҳқиқот буд.

**Мувофиқати рисола бо шиносномаи ихтисоси илмӣ:** Кори диссертатсионӣ бо шиносномаи илмии ихтисоси 06.01.02 - Мелиоратсия, таҷдидсозӣ ва ҳифзи замин бо бандҳои зерин мувофиқат менамояд:

1.Таҳқиқот асоснокунӣ ва миқиёс намудҳои гуногуни мелиоратсияи замин:обӣ кимиёвӣ, ҳароратӣ, физикию механикӣ, биологӣ. Асоснокунии

талабот ба намудҳои гуногуни кофтуковӣ, ки хосияти компонетҳои табииро бо назардошти гуногуни ба онҳо таълуқ доштатавсиф менамоя.

3. Усулҳо ва тарзҳои таҳқиқоти мелиоратсияи замин, таъсири онҳо ба хосияти ҷузъҳои табиӣ, рушд, амалкунӣ ва устувории геосистема (ландшафтҳо). Асосноккунии зарурияти намудҳои комплексии мелиоратсия ва нақши он дар бунёди ладшафтҳои маданӣ, ки дар он ҳамоҳангсозии фаъолияти инсон ва ҳолати табиат, дар бунёди агроландшафтҳои маданӣ, ҳамчун захираи технотабии барқароркунандаи муҳим ва экосистемаи муҳитсозанда.

4.Таҳқиқоти обталабии зироатҳои кишоварзӣ, коркарди реҷаи обёрӣ ва хушконӣ дар минтақаҳои гуногуни табиӣ, таҳқиқоти ҷиҳатҳои хоси агротехникии зироатҳои кишоварзӣ, системаи зироаткорӣ дар заминҳои мелиоративӣ.

7. Таҳқиқоти тарзҳо ва техникаи обёрӣ ва хушконии замин, тарзҳои пешқадами мелиоратсияи захирасарфакунанда ва табиатҳифзкунанда, бунёди системаи мукаммали муҳандисию мелиоративӣ.

24.Таҳқиқоти тарзҳо ва воситаҳои техникии истифодабарии системаҳои муҳандисии мелиоративӣ ва системаҳои муҳандисии экологӣ, таъмир, азнавсозӣ, автоматикунонии кори онҳо, баланд бардоштани эътимоднокии тарзҳои идоракунии оқилонаи онҳо.

**Интишороти натиҷаҳои диссертатсия:** Дар самти натиҷаҳои диссертатсия 6 мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои аз ҷониби Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шуда ва 7 мақолаи илмӣ дар маҷмӯи маводҳои конференсияҳо ба табъ расидаанд.

**Истифодабарии натиҷаҳои илмӣ**. Натиҷаҳои илмӣ – таҳқиқотӣ оид ба технологияи обёрии қатрагии боғи себи интенсивӣ дар ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Ситабр Агро” истифода бурда шуда аст. Тавсияҳо оид ба обёрии қатрагӣ аз ҷониби институти лоиҳакашии Тоҷикгипроводхоз ҳангоми лоҳиҳакашии системаи обёрии боғҳои

интенсивӣ исифода бурда мешаванд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ҳангоми дарсҳои маърӯзавӣ ва амалӣ аз фанҳои мелиоратсия, таҷдидсозӣ ва ҳифзи замин ва истифодабарии системаҳои гидромелиоративӣ истифода бурда мешаванд.

Дар умум, Гулов Аҳлиддин Боймуродович худро ҳамчун муҳаққиқи бо маҳорат нишон дода, қобилияти хуби гузоштан ва ҳал намудани масъалаҳои илмиро соҳиб мебошад. Аз ин рӯ Гулов Аҳлиддин Боймуродович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.02 – "Мелиоратсия, таҷдидсозӣ ва ҳифзи замин" арзанда мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори
кафедраи истифодабарии системаҳои
гидромелиоративии Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур Раҳматиллоев Раҳмонқул

Суроға:735019, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, ноҳияи Сино хиёбони Н. Махсӯм хонаи 111/3
Тел +992981012608, rahmonul@gmail.com

**Имзои д.и.к.,** профессор Р. Раҳматиллоевро

**тасдиқ менамоям:**
Сардори шуъбаи таъминоти
ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Раджабова Н.А.